ҚАРОРИ №21

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-078 дар назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 3 июли соли 2025

ш.Хуҷанд

Иштирок доранд:

Аз 16 нафар аъзои

Шуро 16 нафар

**Раиси Шуро:** д.и.пс., дотсент Бобоева Сайёра Бобораҷабовна

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 5-уми августи соли 2024-ум, таҳти №265/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 4 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 16 нафар ҳозирбудагон 3 нафар доктори илмҳои педагогӣ, 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМА

1. Қабул намудани диссертатсияи номзадии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадҷонович) ба ташхис ва таъин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои психологӣ, дотсент Бобоева С.Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон ба Шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, Зайтметов Ҳ.А. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Қурбонзода Нигина Қурбон – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсия ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидаст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул кардани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1.Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадҷонович) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Исломов О.И.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи ташхис;

- **Азизов А.А.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхис;

- **Раҳмонов З.П.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхис.

3. Комиссияи ташхиси назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод намояд.

**Қарор карда шуд: тарафдор** – 16 нафар, **зид** – нест, **бетараф**-нест

Раиси Шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои психологӣ, дотсент — Бобоева С.Б.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои психологӣ, дотсент — Зайтметов Ҳ.А.